«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» д.и.х., профессор
____________Раҳмон Д.С.
«___»___________ соли 2024.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович таҳти унвони «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ бахшида шудааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқат менамояд.

Мавзуи баҳси тадқиқотҳои илмии ономастика – ин ҳама навъҳои исмҳои хосест, ки дар захираи луғавии дилхоҳ забон мавҷуд аст ва аз ибтидо дар ин забон мустаъмал буданд ва ё бо мурури замон муқтабас шудаанд. Новобаста ба он ки аз ибтидо исмҳои хос дар тамоми забонҳои олам мавҷуд буданду ҳастанд, ин яке аз ҷомеиятҳои ономастикӣ мебошад ва тадқиқотҳои илмии ономастикӣ фақат якчанд даҳсола аст, ки ба роҳ монда шудаанд. Вобаста ба рушди фаъолияти лексикографӣ ва лексикологӣ ҳам худи мавзуъҳои тадқиқотҳои ономастикӣ тағйир мeёбанд ва ҳам муносибату бархурди олимону муҳаққиқон ба он. Масъалаҳои нав

пешниҳод карда мешаванд, ҷанбаҳои нави тавсиф ва таҳлил ошкор мегарданд.

Ном гуногунҷанба аст ва дар он сиру асрори зиёде нуҳуфтааст, аммо аз сабакбе, ки ном – аломати забонист, дар навбати аввал мавриди таваҷҷӯҳи забоншиносон бояд қарор гирад. Биноан, забоншиносон муваззафанд ба назарияи исмҳои хос таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Ва ин амри табиист, зеро дарку фаҳми вижагиҳои исмҳои хос заминаи муътамадро барои шарҳу тафсири онҳо фароҳам меорад. Аслан бояд ба ҷанбаи таърихӣ-этимологии ономастика таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шавад, аммо бояд иқрор шуд, ки муқаррар намудани этимологияи мушаххасу муваффақи исмҳои хос аксаран ба дарку фаҳми ҷою мақоми онҳо дар забон вобаста аст.

Ба риштаи таҳқиқ кашидани исмҳои хос, ки онро яке аз қисматҳои забоншиносӣ – ономастика меомӯзад, вақтҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа, махсусан, забоншиносонро ба худ ҷалб намуда истодааст. Омӯзиш ва таҳқиқи маводи таҳқиқшавандаи исмҳои хос барои равшан сохтани масъалаҳои норӯшани бахши забоншиносӣ, ҷиҳати ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ, ташаккул ва рушди номшиносӣ кумак карда метавонад. Дар номшиносӣ баробари таҳқиқоти солҳои охир боз паҳлуҳои таҳқиқношудаи осори бадеӣ ва ашъори шоирону нависандагони адабиёти классик ва муосир, бахусус, таҳқиқи топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ», то имрӯз ба таври пурра ва комил мавриди таҳқиқи амиқ қарор нагирифтааст.

Мавриди зикр аст, ки осори насру назми адабиёти тоҷик дорои захираи ғании исмҳои хос мебошад ва муҳаққиқонро зарур аст, ки таҳқиқоти амиқи илмии номшиносиро беҳтару хубтар ба роҳ монанд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ зимни таълифи тазкираи худ бо истифода аз маводи пуркимати ономастикӣ ҷиҳати офаридани қаҳрамонҳои асарҳои худ аз хазинаи ғании номҳо истифода бурда, онҳоро бо маҳорати баланди нақшофарӣ ва мувофиқатоварӣ номгузорӣ намудааст.

Асари **“Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** яке аз манбаҳои беназири таърихии номвожаҳо буда, зимни офаридани онҳо аз нуқтаи назари тасвир, пайдарҳамии воқеаҳо, фарогирии мавзуъ ва хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ хеле маводи пурқимат дорад.

Ба сифати мавзуи таҳқиқ қарор гирифтани таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ дар забоншиносии тоҷик пажӯҳиши нав буда, дар он таҳқиқи пурра ва комили ономастикони осори таҳқиқшаванда мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши паҳлуҳои гуногуни топонимияи **“Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ** дар ҳаҷми диссертатсияи илмӣ барои ташаккул ва рушди номшиносии тоҷик аз аҳамияти хос бархӯрдор аст. Бояд зикр кард, ки маводи таҳқиқшаванда қисматҳои гуногуни топонимияро фаро гирифта, омӯзиши онҳо ҷиҳати ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ хеле муҳим мебошад.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии муосир бахшида шудааст.

Диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович таҳти унвони **«Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** номгузорӣ гардида, он аз мундарича, номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, 10 фасл, 15 зерфасл, хулоса, натиҷаҳои асосии рисола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, 192 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад. Пайдарпаии бобҳо мантиқан ба вазифаҳои дар назди рисола гузошта шуда мувофиқ мебошанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва

мавзуи таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ, аҳамияти амалӣ, навгонии илмӣ, соҳаи таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми рисола нишон дода шудаанд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он аст, ки бори нахуст дар боби номшиносӣ, махсусан, таҳқиқи топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» ба анҷом расидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама дар онзоҳир мешавад, ки маводи топонимии тазкираи мазкур, ки дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили илмӣ муайян шудаанд, барои истифодаи афроди ҷуғрофияшиносон, муҳаққиқони забоншиносии таърихӣ ва муаррихон кумак хоҳад расонд. Ҳамчунин истифодаи топонимҳои фаровони асари мавриди таҳқиқ дар шарҳу маънидод, таҳлилу таҳқиқи масоили гуногуни решашиносӣ, калимасозӣ, овозшиносӣ, грамматика ва дигар қисматҳои забоншиносӣ метавонад мадади амалӣ расонад.

Асосҳои назариявии таҳқиқро таҳқиқот ва таълифоти ба номшиносӣ, аз ҷумла, ба антропонимҳо ва топонимҳо бахшидаи муҳаққиқони барҷаста В. В. Бартолд, А. С. Андреев, Э. М. Мурзаев, В. В. Виноградов, О. С. Ахманова, Г. О. Винокур, Н. М. Шанский, Е. М. Галкина-Федорук, Д. Н. Шмелев, О. Б. Сиротина, С. Айнӣ, А. Л. Хромов, А. З. Розенфелд, Р. Х. Додихудоев, Д. Саймуддинов, С. Назарзода, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, Т. Нафасов, Р. Шоев, Гадоев Н. ва дигарон ташкил мекунанд, ки масъалаи мавриди назарро аз ҷанбаҳои гуногун дар осори худ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Сарчашмаи маълумот дар асоси **"Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** мавриди истифода қарор гирифтааст. Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи маводи топонимии асари мавриди омӯзиш усули муқоисавии синхронию диахронӣ, ки асоси онро таҳлили вожагонӣ ва сохторӣ ташкил медиҳад, истифода бурда шудааст. Ин усул тайи солҳои охир дар

таҳқиқоти номшиносӣ ба таври фаровон истифода мегардад. Дар ҳалли вазифаҳои асосӣ ва умуман, мавзуъ, ҳамчунин, усулҳои гуногуни забоншиносӣ: сохторӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Дар диссертатсия бори нахуст таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан, дар он антропонимҳо ва топонимҳои марбут ба ҷанбаҳои фалсафӣ ва бадеии тазкираи мазкур аз нигоҳи маъно, вижагиҳои луғавӣ ва сохторӣ таҳқиқу баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ аз он иборат аст, ки муаллифи диссертатсия дар ҷараёни пажӯҳиш, аз тарҳрезии мавзуи рисола, ҷамъоварии мавод, гурӯҳбандии онҳо, ба бобу зербобҳо ҷудо карда навиштани диссертатсия ба таври мустақим саҳм дорад. Навиштани мақолаҳо оид ба мавзуъ ва суханрониҳо дар ҳамоишу конференсияҳо оид ба мавзуи диссертатсия фаъолияти амалии рисоланависро доир ба кори диссертатсионӣ шаҳодат дода метавонанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҳаҷми 8 мақолаю маърузаи илмӣ вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ дар маводи конференсияҳо ва маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионӣ"-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) ба нашр расидааст.

Диссертатсияи мазкур дар ду боб таълиф ёфта, дар боби аввали диссертатсия, ки **«Таҳқиқи хусусиятҳои вожагонии топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** ном дорад, асосан, сухан аз бобати мулоҳизаҳо доир ба масъалаҳои таснифи топонимҳои асар ва таҳлили лексикӣ-семантикии онҳо, ойконимҳо ва мавқеи истифодабарии

онҳо, хоронимҳо,, полионимҳо, комонимҳо, урбанонимҳо, гидронимҳо, мавқеи истифодаи оронимҳо, номи қалъа, қаср, работ ва нигорхона, дромонимҳо, антртопонимҳо ва этнотопонимҳо меравад.

Боби дуюми диссертатсия **«Баромади забонӣ ва сохтории морфологии топонимҳои “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** номгузорӣ шудааст. Масъалаҳои асосии боби дуюм, ки аз 9 зерфасл иборат аст, мавзуъҳои топонимҳои эрониасл, топонимҳои иқтибосии арабӣ, топонимҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ, топонимҳои дигар забонҳо, топонимҳои сода, сохта, мураккаб ва топоним-ибораҳо мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф ҳар кадом боби диссертатсияро бо хулосаҳои дақиқу мушаххас ҷамъбаст намуда, дар хулосаи умумии диссертатсия ҳамаи хулосаҳои бобҳоро ҷамъбаст намудааст.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқу баррасӣ ба таври фишурда аз рӯйи натиҷагирии пажӯҳиш оварда мешавад. Феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурӣ ва сарчашмаҳои илмӣ буда, аз осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ иборат мебошанд, ки теъдодашон ба 250 адад мерасад.

Бо вуҷуди тозакорӣ ва нуктасанҷии ба худ хос дар диссертатсия муҳаққиқ ба баъзе камбудиҳо роҳ додааст, аз ҷумла:

1. Номи рисолаи илмӣ агар дар шакли “Топонимияи “Тазкриат-ул-авлиё”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ”(таҳқиқи забоншиносӣ) мебуд, ба мақсад мувофиқтар мегашт;

2. Таҳлили сохторӣ бояд тавъам бо тавсифу таҳлили калимасозӣ роҳандозӣ шавад, яъне “таҳлили сохторӣ-калимасозӣ”;

3. Дар қисмати “Замима” ҳам дар шакли транскрипсия овардани мисолҳо (номҳо) якрангӣ дида намешавад. Баъзе мисолҳо дар асоси транскрипсияи умумиэронӣ ва баъзеи ҳарфҳо дарномҳо дар шакли лотинии илмӣ оварда шудаанд (Dašti khāvarān, Khavarnaq, Rai, Sakkākiyai simnān, Sultān Ahmadi Khizraviya, Chašmai murğāb...);

4. Дар саҳифаҳои 3, 7, 16, 26, 45, 76, 89, 98, 127, 147 ғалатҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба чашм мерасанд;

5. Агар муаллифи рисола баъзе бандҳоеро, ки хусусияти умумӣ доранд, муттаҳид намуда, доир ба қабатҳои забонии номҳо ва хусусиятҳои сохторӣ-калимасозии маводи таҳқиқшаванда фаслҳои алоҳида дар бахши гидронимияи асар ҷудо мекард, хубтару беҳтар мебуд;

6. Ба андешаи мо зерфасли 1.5.1. "Номи кӯҳу дашт ва саҳро" зиёдатӣ буда, омӯзиши фасли мазкур ба фасли 1.5. мувофиқат мекунад;

7. Барои амиқтар ва мутобиқ ба замони муосир гардонидан чандомади қабатҳои томонимияро дар шакли диаграмма, гистаграмма ва ҷадвалҳо истифода мебурд, ба манфиати кор мебуд;

8. Муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқи луғавӣ-маъноии топонимҳо ба омӯзиши решашиносии топонимҳо таваҷҷуҳ мекард, қимати илмии рисола дучанд мегардид.

Камбудӣ ва эродҳои мазкур асосан ҷанбаи тавсиявӣ ва техникӣ дошта, ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия халал намерасонанд ва арзиши илмии корро коста намекунанд.

Муқаддима муҳтавои асосии рисоларо пурра фаро гирифтааст.

Дар хулоса ба тариқи кофию басанда хулосаю натиҷагириҳо ва умумигардониҳо аз рӯйи тамоми тавсифоти таҳқиқот баён гаштаанд. Хулосаҳои илмии муаллиф дар интиҳои кор ба тариқи муъҷаз ва мушаххас оварда шудаанд.

Автореферат пурра ва мукаммалан бо диссертатсия мувофиқат мекунад: дар шакли муъҷаз ва мухтасар мазмуну муҳтаво ва сохтори диссертатсияро инъикос ва ифода мекунад, фарогири асоснокии муҳиммият, навгониҳои мавзуи мавриди тадқиқ, аҳамият ва арзиши назариявӣ ва амалӣ, хулосаҳои асосии таҳқиқот ва феҳристи адабиёт мебошад.

Диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи **«Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои филологӣ, ки аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», суратҷаласаи №5 аз 18.03.2024 тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа,
д.и.ф., профессор, мудири кафедраи
забоншиносӣ ва таърихи забони
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Ҷумъахон Алимӣ

Ташхисгар:
доктори фалсафа PhD, аз рӯйи
ихтисоси 6D020500-Филология: Шаҳбози Рустамшо
Котиби ҷаласа, саромӯзгори кафедраи
Забоншиносӣ ва таърихи забон: Сайдалиева Сарварбӣ

Имзоҳои Ҷумъахон Алимӣ, Шаҳбози
Рустамшо ва Сайдалиева Сарварбиро
тасдиқ мекунам. Сардори РК КМ-и
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Файзуллохуҷа

Суроғаи муассиса: 735360, ш. Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16. E-mail: info@kgu.tj
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
Сомонаи расмӣ: www. kgu.tj
«18» «марти» соли 2024